МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи мухтасар
# Ҳисоботи натиҷаҳои СММ дар соли 2023



# Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон

# Донорҳои СММ дар Тоҷикистон дар соли 2023

# Шарҳи молиявии Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор (ЧҲСММБРУ) барои соли 2023

## Сохори маблағгузории ЧҲСММБРУ




## Буҷа ва натиҷаҳо



# Натиҷаи 1: Рушди фарогири инсонӣ

Бештар аз 3, 700 гуреза ва паноҳҷӯён аз тадбирҳои махсуси ҳифзи иҷтимоӣ барои таъмини некӯаҳволии онҳо баҳраманд шуданд

740,000 доллари ИМА аз ҷониби Ҳукумати ҶТ барои барномаи давлатии солимии репродуктивӣ, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ меёбад, ҷудо гардид

Нақшаи амалҳои миёнамуҳлат дар соҳаи таҳсолоти фарогир барои солҳои солҳои 2024-2026 омода гардид

77 000 ва 300 000 шахс мутаносибан ба оби тоза ва хидматрасониҳои асосии санитарӣ дастрасӣ пайдо намуданд

Бештар аз 550 000 кудакон дар минтақаҳои дорои норасоии озуқаворӣ бо ғизои мактабии ғанигардонидашуда таъмин карда шудаанд

Бештар аз 205 000 шахс дар аз минтақаҳои аз обхезӣ зарардида аз кӯмаки озуқаворӣ бархурдор шуданд

Ба 281 ҳазор кӯдаки 6-11 моҳа ва 2,1 миллион кӯдаки 12-59 моҳа витамини А дастрас гардид. 5,6 ҳазор кӯдак аз камғизоии шадид табобат гирифтаанд



**«Ман оилаи бузург дорам – соҳиби 10 фарзанд ва 7 набера мебошам. Бар асари мушкилоти зиндагӣ бархе аз онҳо то ҳол ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият надоштанд. Созмони Милали Муттаҳид ва мақомоти маҳаллӣ ба ман барои ба даст овардани шаҳодатномаи таваллуди фарзандон ва наберахоям кӯмак карданд. Ҳоло онҳо "намоён" шудаанд ва метавонанд ба хидматҳои иҷтимоӣ – маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дастрасӣ пайдо кунанд".**

**Шакармоҳ Маҳмуродова**

## Натиҷаи 2: Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ



«Вақте шавҳарам барои кор ба хориҷа рафт ва дар онҷо ба мушкил рӯбарӯ шуд, ман аз имкони таъмини рӯзгор, тарбия ва таълиму тарбияи фарзандамон маҳрум мондам. Ба шарофати дастгирии СММ ман ва бисёр занони дигар барои парвариши озуқаворӣ, гуногунгардонии истеҳсолот ва беҳбуди воситаҳои зиндагӣ омӯзиш ва дастгирӣ гирифтем. Холо ман гармхонаи шахсии худро дорам, ки дар он занбурӯғ парвариш мекунем, ки арзиши бозориаш баландтар аст ва дар бозорҳои маҳаллӣ ва вилоятӣ мефурӯшем».

**Дилафрӯз Паҳлавонова**

Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла стратегияи рақамикунонӣ таҳия гардид

Бештар аз 170 корхонаи дорои воситаҳо ва захираҳои мукаммал сатҳи маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии худро беҳтар карданд

Бештар аз 13 000 нафар, ки зиёда аз нисфи онҳо занон буданд, аз барномаҳои рушди маҳоратҳои ба бозор нигаронидашуда ва шуғл баҳраманд шуданд

Сиёсати нав вобаста ба истифодаи муштараки нақлиёт барои пешбурди серҳаракатӣ  дар шаҳр таҳия карда шуд

## Натиҷаи 3: Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ

Воситаҳои рӯзгузаронии бештар аз 67000 шахси осебпазир дар минтақаҳои ба таври кофӣ фарогирифтанашуда бо хидматрасониҳо беҳтар гардид

Зиёда аз 6600 нафар дар 35 ноҳия бо чорабиниҳои экосистемавӣ фаро гирифта шуданд

Зиёда аз 214 ҳазор нафароне, ки аз офати табиӣ зарар дидаанд, ёрии башардӯстона гирифтанд

670 мутахассисони техникӣ оид ба банақшагирии самараноки ҳолатҳои фавқулодда, вокуниш ва омодагӣ омӯзонида шуданд



**«Ман фермаи мурғпарварӣ дорам, ки он даромаднок буд, аммо дар дастрасии доимӣ ба нерӯи барқ мушкилӣ доштем. Ба истифодаи гранти СММ мо системаи барқии офтобии 5 кВт насб кардем ва иқтидори энергияи офтобиро кашф кардем. Ин система ҳоло барои қонеъ кардани ниёзҳои тиҷорати ман ва оилаи ман нерӯи кофӣ медиҳад ва мо дигар дар бораи қатъи барқ ё камбуди сӯзишворӣ хавотир намешавем. Хароҷоти мо барои энергия зиёда аз 50 фоиз кам шуд ва фоидаи мо то 9 фоиз афзуд. Ин системаи офтобӣ барои мо наҷотбахши ҳаёт гардид.»**

**Маҳбуба Холбобоева**

# Натиҷаи 4: Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда



«Ман хеле шодам, ки дар тренингҳо оид ба баробарии гендерӣ, ки бо дастгирии СММ гузаронида мешаванд, иштирок намудам. Донише, ки ман гирифтам, тамоми ҳаёти маро дигар кард, зеро дар минтақаи мо стереотипҳо дар бораи занҳо паҳн шудаанд. Ман ҳамчун як ҷавони фаъол дар ҷомеаи худ аз оилаи худ сар карда, ба муқобили меъёрҳои манфии иҷтимоӣ мубориза хоҳам бурд».

**Шӯҳрат Саидмуродов**

Якумин Стратегияи миллии ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 қабул карда шуд

Тағйирот ба қонунгузорӣ, ки маҳдудияти синну сол барои пешниҳоди шикоятҳоро (аз ҷумла марбут ба зӯроварии ҷинсӣ ва гендериро) лағв мекунад, ҷазои ҷисмониро манъ мекунад ва ба ҳамаи кӯдакон ҳуқуқи шунидани мурофиаҳои судиро медиҳад қабул шуд

Зиёда аз 2000 хизматчии давлатӣ ва 330 корманди созмонҳои ҷамъиятӣ барои татбиқи тадбирҳои идоракунӣ ва ислоҳоти судӣ дониш ва малакаҳои худро такмил доданд

4800 нафар шахсони бешаҳрванд ва паноҳҷӯён машварат ва дастгирии ҳуқуқӣ гирифтанд. 1832 нафар шахсони бешаҳрванд ошкор карда шуданд, ба 3379 нафар барои гирифтани шаҳрвандии Тоҷикистон кӯмак расонида шуд, 1389 нафар паноҳҷӯён, ки 651 нафари онҳо гуреза дониста шудаанд, кӯмак гирифтанд

80 рӯзноманигор ва блогерҳо истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои дифоъ аз озодии баён ва баробарии гендериро омӯхтанд



Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 5, гузаргоҳи 1, 734013.

Тел: +992 (44) 6005854

Акс дар муқова:
Julia Wimmerlin, 2023

@unintajikistan
www.tajikistan.un.org

Варианти электронии
Гузориши солонаи СММ дар бораи фаъолияти 2023